**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-004**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17).**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Давлатов Сорбон Назримадович дар мавзӯи «Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ» (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент**

Идоракунии сармояи инсонӣ бо рушди инноватсионии иқтисодиёт, донишҳои зеҳнию ақлонӣ ва ташаккули технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсонии соҳаҳои истеҳсолӣ алоқамандии зич дошта, дар раванди ҷаҳонишавии иқтисодиёт натанҳо мунтазам ташаккулдиҳии механизмҳои идоракуниро тақозо менамояд, балки омода намудани менеҷерҳои касбиро вобаста ба талаботҳои бозори ҷаҳонӣ роҳандозӣ менамояд. Вобаста ба инҳо, ҳангоме, ки дар бозори ҷаҳонӣ ҷиҳати азхудкунии бозорҳои нав ва инчунин афзун гардидани манфиатҳои иқтисодии иштирокчиёни он, бахусус барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқи масъалаҳои идоракунии сармояи инсонӣ муҳиммияти хосаро пайдо менамояд.

Муҳтавои автореферати диссератацияи Давлатов С. Н. собит менамояд, ки кори мустақиман анҷомдодашудаи ӯ аҳамияти назариявию амалӣ дошта, ақидаҳои илмии иқтисоддонҳои мактабҳои гуногуни иқтисодӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода шуда, доираи фаҳмишу истифодаи онҳо васеъ карда шудааст. Инчунин дар масири илмҳои иқтисодӣ равишҳои методологии идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбиии вазъи бозор таҳқиқ гардида, методологияи идоракунии самараноки сармояи инсонӣ тавсифу тафсир карда шудааст.

Муаллиф, вазъи бозори меҳнати мамлакатро вобаста ба сатҳи даромад ва дараҷаи зисти аҳолӣ дуруст таҳлил намуда, омилҳои рушди идоракунии сармояи инсониро дар робита бо унсурҳои асосии бозори меҳнат муайян намуда, сарчашмаҳои асосии инкишофи сармояи инсониро дар ҷумҳурӣ асоснок намудааст. Ҳамзамон вобаста ба натиҷаҳои ба овардашуда, самтҳои асосии идоракунии сармояи инсониро дар шароити ҷаҳонивашии иқтисодиёт дар такмили таълимоти бефосилаи касбӣ, ташаккулдиҳии мунтазами сармояи инсонӣ ва инчунин таҳияи механимзҳои муассири рушди уснурҳои ташкилдиҳандаи менеҷменти сармояи инсонӣ мувофиқи мақсад нишон додааст.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки агар рушди сармояи инсонӣ ҳамчун моликияти зеҳнӣ ва моликияти идоракунии истеҳсолии соҳибкорӣ таъмин карда шавад, натиҷаи он метавонад ба афзоиши сатҳи истеҳсоли маҳсулоти дохилӣ ва инчунин рушди ширкату корхонаҳои ватанӣ мусоидат намояд. Хулосаи мантиқӣ ва ақидаҳои илман асоснок карда шудаи муаллиф дар автореферати диссертатсия мушаххас нишон дода шудааст, ки аҳамияти илмӣ ва амалӣ доранд.

Ҷанбаъҳои гуногуни мавзӯи таҳқиқотиро, муаллиф дар чорабиниҳои сатҳи гуногуни илмӣ-конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ маърӯза намуда,

вобаста ба ҳамин мавзӯъ 15 мақолаи илмӣ, дар ҳаҷми 5,1 ҷ.ч. нашр намудааст, ки аз ин миқдор 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати илм ва таълимоти олии Федератсияи Россия ба табъ расидаанд.

Ғайр аз паҳлӯҳои муфиди имлию амалӣ, дар автореферати диссертатсияи Давлатов С.Н. ғалатҳои техникию имлоӣ ва инчунин нокифоягии шарҳу тавсифи расму ҷадвалҳои таҳлилӣ мушоҳида мешавад. Масалан, муаллиф дар саҳифаи 13, расми 2 сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии онро тасвир намудааст. Хуб мебуд, агар муаллиф дар қатори унсурҳои нишондода, хислатҳои шахсии – роҳбарӣ ва фаъолияти коллективии инсонро илова менамуд. Инчунин дар саҳифаи 17, ҷадвали динамикаи хароҷоти буҷетӣ давлатӣ ба соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст, аммо ҷиҳати таҳлили қиёсӣ далелҳои асосноккунанда нисбатан кам мебошад.

Эродҳои қайдгардида, хусусияти тавсиявӣ ва шарҳӣ дошта, дар маҷмӯъ ба сифати кори анҷомдодашуда таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмӯъ, шиносои бо афтореферат нишон медиҳад, ки рисолаи Давлатов Сорбон Назримадович дар мавзӯи «Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ» (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент пешниҳод шудааст ба талабот ва бандҳои 10.19 - Ҳайати идоракунӣ: нақш ва мақоми онҳо дар низоми идоракунӣ. Ташаккул, омодасозӣ ва инкишофи кадрҳои идоракунӣ. Идоракунии карера ва пешравии касбӣ-вазифавии кадрҳо. Усулҳои ҳавасмандгардонии менеҷерони зинаи олии Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмӣ аз рӯи ихтисоси эълоншуда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

профессори, кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи Славянии Руссия ва Тоҷикистон, д.и.и. профессор, академики Академияи илмҳои байналхалқии мактабҳои олӣ Комилов С.Ҷ.

Имзои Комилов С.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи Славянии Руссия ва Тоҷикистон Давлатов Х.Х.

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. М. Турсунзода 30.
Тел.: +992 227-15-71; e-mail: sirodj.tj@mail.ru